«Тасдиқ мекунам»

Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, доктори илми таърих, профессор _______ Ибодуллозода А.И.
«26» ___09___ 2022.

# ХУЛОСАИ

Шурои олимони факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба диссертатсияи Забирова Меҳринисо Элбеговна дар мавзуи «Тасвири «боди сабо» дар ғазали асри XIV» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 - Таърихи адабиёт, равобити адабӣ

Диссертатсия дар мавзуи «Тасвири «боди сабо» дар ғазали асри XIV » дар кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.04– Таърихи адабиёт, равобити адабӣ иҷро шудааст.

Муҳокима ва экспертизаи даври якуми диссертатсия дар маҷлиси кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 21.06. 2022, № 12 гузаронида шудааст.

**Мутобиқати мавзуи диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ ва муҳтавои он ба тартиби муқарраршудаи таълифи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.04- Таърихи адабиёт, равобити адабӣ мувофиқат мекунад.

**Робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ**. Диссертатсия дар доираи татбиқи зербанди 4.5-и "Номгӯи самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, №765 аз 4 декабри соли 2014 тасдиқ гардидааст, анҷом дода шуда, инчунин ба иҷрои нишондоди қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.09.2020,№503 "Дар бораи самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 " ва корҳои илмӣ-таҳқиқи кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ иртибот дорад.Натиҷаҳо ва хулосаҳои таҳқиқи илмии мавзуъ дар таҳия ва такмили барномаҳои таълимӣ нақши муҳим бозида метавонад.

**Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.** Диссертатсия дар пояи баланди илмӣ-таҳқиқотӣ навишта шуда, ба талаботи корҳои диссертатсионӣ комилан ҷавобгӯст. Автореферат ва мақолаҳои ба табъ расидаи диссертант муҳтавои асосии диссертатсияро пурра ифода менамоянд. Натиҷаҳои таҳқиқи илмӣ дар 5 мақолаи тақризшавандаи шомили феҳристи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла, 3 мақола дар Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин , 1 мақола дар маҷаллаи "Суханшиносӣ" (Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АИҶТ) ва 1 мақола дар Паёми Донишкадаи забонҳо нашр шудааст:

1. Забирова, М.Э. Шарҳу тавзеҳ ва таърифи "боди сабо" дар фарҳангу луғатҳо ва рисолаҳои тадқиқотӣ / М.Э. Забирова// Паёми ДДОТ ба номи С.Айнӣ.- Душанбе, 2019. №2 (79). – С. 235-238.
2. Забирова, М.Э. Тасвири "боди сабо" дар ашъори шоирони асри X / М.Э. Забирова // Паёми ДДОТ ба номи С. Айнӣ.- Душанбе, 2019. -№4 (81). – С. 186-190.
3. Забирова, М.Э. Тасвири "боди сабо" дар ашъори шоирони асрҳои XI-XIII / М.Э. Забирова // Суханшиносӣ. Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АИ ҶТ -Душанбе, 2019, №4.- С. 147-158.
4. Забирова, М.Э. Боди сабо воситаи маърифат ва тасвири бадеӣ дар ғазалиёти Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ / М.Э. Забирова// Паёми . Донишкадаи забонҳо -Душанбе, 2019, №4 (36).- С. 51-59.
5. Забирова, М.Э. Талмеҳ аз устураи пайғамбарон бо корбурди " боди сабо" дар ғазалҳои шоирони асри XIV/ М.Э. Забирова // Паёми ДДОТ ба номи С.Айнӣ- Душанбе, 2019, №5 (100). – С. 182-186.

**Таълифоти муаллиф дар маҷмуаҳои илмӣ ва нашрияҳои дигар илмӣ:**

6. Забирова, М.Э. Тасвири зебоиҳои табиат дар ашъори шоирони асри X-XI / М.Э. Забирова // Маводи конференсияи илмӣ-методӣ.- Душанбе: ДДОТ ба номи С.Айнӣ, 2021.- С.137-140.
7. Забирова М.Э. Тасвири боди сабо дар ғазалиёти Камоли Хуҷандӣ / М.Э. Забирова // Маводи конференсияи илмӣ-методӣ.- Душанбе: ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2022.- С.12-15.

**Мавҷудияти санадҳои тасдиқкунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо.** Натиҷаҳои диссертатсия дар шакли гузориши маъруза ва мақола интишор шуда, нуктаҳои

меҳварӣ ва калидии он дар семинару маҳфилҳо, конференсияҳои илмию амалии факултавӣ, донишгоҳӣ ва ҷумҳуриявӣ ироа ва баҳогузорӣ гардидааст.

Мавод ва натиҷаҳои таҳқикотро метавон ҳангоми таълифи китобҳои таърихи адабиёт, алалхусус адабиёти асри XIV, китобҳои дарсӣ, курсу семинарҳои ихтисос доир ба ташаккулу таҳаввули ғазал, тасвирҳои шоиронаву образҳои шеърӣ дар адабиёти форсии тоҷикӣ барои донишҷӯён ва доираи васеи хонандагон истифода шавад. Ҳамчунин, дастовардҳои диссертатсия ҳангоми омӯзиши таҳаввулу такомули ғазали форсии тоҷикӣ дар садаи XIV, таҳқиқи ашъори шоирони ин даврон метавонад муфид бошад.

**Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Саҳми фардии муҳаккик дар омӯзиш ва баррасии дақиқи тасвири боди сабо дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ, ҷамъоварии маводи зиёди сарчашмаҳо ва таҳлилу муайян намудани мушаххасоти онҳо, омӯзиши назарияҳои донишмандони ватанию хориҷӣ дар робита ба мавзуи таҳқиқ ва муқоисаи онҳо, омода намудани мақолаю маърузаҳо ва нашри онҳо доир ба мавзуи диссертатсия зоҳир мегардад. Мавзуи мазкур бори нахуст дар адабиётшиносии тоҷик ба таври систематик ва густарда дар шакли диссертатсия аз ҷониби муаллиф мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

**Пешниҳоди диссертатсия ба шурои диссертатсионӣ.** Диссертатсия дар асоси нақшаи мавзуъ навишта шуда, диссертант ба мақсаду вазифаҳои гузошташуда расидааст. Муҳокимаю баррасӣ ва хулосабарориҳои довталаб дар сатҳи баланди илмӣ қарор доранд. Хулосаҳо ва натиҷагириҳои диссертант илмӣ буда, ба талабот оид ба барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст.

Диссертатсияи Забирова Меҳринисо Элбеговна дар мавзуи «Тасвири «боди сабо» дар ғазали асри XIV» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ барои дифоъ ба шурои диссертатсионии 6D.КОА - 069-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ пешниҳод карда мешавад. Шурои олимон дар асоси тақризҳои мусбат ва баромади муқарризони холис -доктори илми филология, профессор Солеҳов Мирзо ва номзади илми филология дотсент Қурбонов Маҷид онро барои ҳимоя ва дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология ба шурои диссертатсионии 6D.КОА- 069-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ пешниҳод менамояд.

Хулоса дар ҷаласаи васеи шурои олимони факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 24.09. 2022, №2 тасдиқ шудааст.

Иштирок доштанд: 16 нафар аъзои шурои олимон.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** « тарафдор» - 16 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

Протоколи №2 аз 24 сентябри соли 2022.

**Раиси шурои олимон,**
доктори илми филология, профессор Восиева Р. Қ.

**Муқарризони холис:**
доктори илми филология, профессори кафедраи таърихи адабиёти тоҷики ДМТ Солеҳов М.

Номзади илми филология, дотсенти кафедраи назария ва таърихи адабиёти ДДОТ ба номи С. Айнӣ Қурбонов М.

**Котиби илмии шуро,**
номзади илми филология Юсупов Ш. Р.

**Имзоҳои Восиева Р.Қ., Қурбонов М. ва Юсупов Ш.Р.-ро тасдиқ мекунам:**

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДОТ ба номи С. Айнӣ Мустафозода А.

**Нишонӣ:** 734003, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ
Тел.: +992 (37) 224-13-83; Сомона: www. tgpu.tj; E-mail: info@tgpu.tj

**Имзои Солеҳов М.-ро тасдиқ мекунам:**
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э.Ш

Суроға:734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон ,шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ,17.
Телефон: ( +992-37) 221-62-25; факс: 227-15-10. E- mail:info@tnu.tj